# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Қуватова Рафоат Ашуровна дар мавзуи "Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат (дар мисоли Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст .

Масъалаи таълими фанҳои дақиқ дар шароити муносибати босалоҳият ба таълим барои хонандагони болаёқат яке аз вазифаҳои мубрами педагогикаи муосир буда, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ имконият медиҳад, ки донишу малакаҳои зеҳнии хонандагони болаёқат ба воқеияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ мутобиқ гардида, минбаъд дар пешрафту инкишофи кишвари худ саҳми назаррас расонида тавонанд.

Унвонҷӯй мавзӯеро барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст, ки муҳим ва мубрам аст, зеро шароити муосир, алахусус рушди босуръати илму технология ва фанҳои дақиқ зарурати соҳиби салоҳиятҳои асосии ҳаётиро ба миён гузоштааст ва дар ин ҷода дорои тафаккури техникӣ, мантиқиву таҳлилӣ, салоҳияти дарки тағйироти ҳамарӯза баамалоянда ва малакаҳои кор бо иттилоот аз салоҳиятҳои асосии насли нав дониста мешавад.

Ҳадафи муҳими низоми маориф тарбияи шахсияти фаъолу созанда ва бунёдкори ҷомеаи навини аз лиҳози техникиву технологӣ рушдёфта ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад омода намудани хонандагон ҳамчун мутахассисони оянда, ки бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ бошанд, яке аз масъалаҳои муҳимми соҳа маҳсуб меёбад. Дар ин самт ба дарёфт, таълиму тарбияи хонандагони болаёқат ва рушд додани қобилиятҳои онҳо махсусан, дар самти омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода мешавад. Ташаккули қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат ҳангоми таълими фанҳои дақиқ бо истифода аз муносибати босалоҳият ба таълим аз мубрамӣ ва аҳамияти бағоят муҳим бархурдор будани мавзуи тадқиқоти диссертатсионии Қуватова Рафоатро ба таври барҷаста нишон медиҳад.

Дар ин росто муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ хеле бамавқеъ ва воқеъбинона таъкид кардааст, ки имконнопазирии таълиму тарбияи кӯдакони лаёқатманд дар доираи як барномаи таълимӣ ҳарчи бештар аз ҷониби ҷомеа эътироф шуда, мутахассисонро ба таҳияи моделҳои нави таълим водор мекунад. Мушкилоте, ки дар ин маврид ба миён меоянд, на танҳо ба интихоби механикии кӯдакони лаёқатманд аз миёни оммаи умумии хонандагон, балки ба масъалаҳои сарбории муносиб, низоми баҳодиҳӣ, дарсҳои иловагӣ, инкишоф ва таҳкими сатҳи баланди ҳавасмандгардонии таълим ва ҳифзи иҷтимоӣ вобаста мебошанд.

Бино бар ин, иқдому ибтикори довталаб дар мавриди ба таври мушаххасу комил мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додани мавзуи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат басо муассиру ҷавобгӯ ба талаботи замон буда, аз муҳим будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии эшон шаҳодат медиҳад.

Бояд қайд кард, ки довталаб бо мақсади баррасии ҳаматарафаи мавзуи таҳқиқот адабиёту осори илмии олимону муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷиро омӯхта, вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониаш таҳлилу таҳқиқ ва кор ба таври густурда мавриди истифода қарор додааст. Дар баробари ин, мушикфона онҳоро арзёбӣ карда, андешаву мулоҳизоти хешро озодона ва аз назари интиқодӣ баён кардааст.

Натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастовардаи унвонҷӯй мақсаднокии истифодаи шароити педагогии пешниҳоднамудаи маллифи рисоларо дар мисоли таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат дар Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе тасдиқ мекунанд.

Бояд зикр кард, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ то ба имрӯз ба қадри кофӣ аз ҷониби олимони соҳаи педагогикаи тоҷик мавриди таҳқиқ қарор нагирифта, вобаста ба ин муҳаққиқ дар ин ҷода кори илмӣ-таҳқиқотии шоёнеро ба анҷом расонидааст. Зеро ташаккул ва рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат аз фанҳои дақиқ бо дарназардошти муносибати босалоҳият ба таълим масъалаи муҳимму ҳаётӣ аст, ки омӯзгорон бояд ба он ба таври бояду шояд аҳамият диҳанд.

Навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти Куватова Рафоат арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро бозгӯ карда, собит месозад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат дар шароити литсей дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои илмию амалии ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос мекунанд. Хулоса ва тавсияҳои коркардшуда барои самаранок гардонидани раванди таълими хонандагони болаёқат мусоидат менамоянд.

Лозим ба ёдоварист, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ арзишҳои назаррасро соҳиб буда, дақиқӣ ва возеҳии он дар гузориши проблема ва роҳҳои ҳалли он, ҳадаф, вазифа, фарзия ва аҳамияти назариявию амалии он андешаҳои фавқро собит месозад.

Андешаҳои дар боло иброзшуда арзиши илмию амалии диссертатсияи Қуватова Рафоатро собит сохта, дар иҷрои кори таҳқиқотӣ салоҳиятнокии илмӣ, мустақилият, тафаккури илмӣ доштан ва соҳиби маҳорату малакаи иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ будани унвонҷӯйро нишон медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои методӣ аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шудаанд.

Ба андешаи банда, довталаб ба мақсадҳои таҳқиқот комёб шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштаро ҳаллу фасл кардааст. Автореферати диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ буда, мухтавои мухтасари диссертатсияро ифода мекунад. Мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшаванда чопнамудаи муаллифи рисола мазмуни таҳқиқотро пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Қуватова Рафоат дар мавзуи дар мавзуи "Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат (дар мисоли Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе)" ба талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраипсихологияи умумӣ ва педагогии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ — Б. Маҷидова

Имзои Б . Маҷидоваро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С.Айнӣ — Мустафозода А.

Маълумот барои тамос: шаҳри Душанбе, 734003, хиёбони Рӯдакӣ 121; телефон:+992 (37) 224-13-83, E-mail: info@tgpu.tj, сомона: www.tgpu.tj